## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим” (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Дар шароити кунунии пешрафти илму техника, истеҳсолот ва муносибат ба он, зарур аст, ки сатҳи маърифати аҳолӣ, бахусус насли наврас баланд бардошта шавад, зеро он самти асосии ташаккули инсони комилро муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумхурии Тоҷикистон барои дар сатҳи муайяни баланд бардоштани таҳсилот ва дараҷаи маърифатии муҳасилини ҳамаи зинаҳои таҳсилот, тамоми сайъю кӯшишҳояшро равона карда истодааст.

Дар ҳақиқат инсон бо олами ӯро иҳотакарда фақат тавассути фаъолияти маърифатиаш муносибати оқилонаро роҳандозӣ намуда метавонад. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки: “фаъолнокии маърифатӣ ангезаи муҳимтарини омӯзиши мактаббачагон, кафили муваффақият мебошад”.

Масъалаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони ватаниву хориҷӣ ба андозае омӯхтаву баррасӣ шудаанд. Таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷиро таҳлили пурра намуда, муаллиф норасоиҳо ва ихтилофотро ошкор намуда, муаммои таҳқиқотро муайян намудааст. Дар асоси муайян намудани муаммо масъалаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълимро, ки мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст, пурра таҳқиқ намудааст.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба масъалаи асосҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълимро муайян намудааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо, гистограмаҳо ва ғ.) тасдиқ менамояд.

Дадобоева М.Б. бар он ақида аст, ки агар омӯзгор асосҳои педагогӣ ва воситаю методҳои самарабахши ташкили фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагонро ҷустуҷӯ ва истифода намояд, онгоҳ фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Ба таҳқиқот диссертант Дадобоева М.Б. теъдоди зарурии хонандагони гимназияи №4 ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7,24 – шаҳри Хуҷанд ва №24,26 – ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғдро ҷалб намудааст, ки натиҷаҳои он ба таври равшану возеҳ таҳлилу хулосабарорӣ карда шудааст.

Дар боби якуми рисола аз тарафи муаллифи рисола мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ» ошкор гардида, хусусиятҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон муайян ва амсилаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ пешниҳод шудааст.

Вобаста ба ин қисмҳои таркибии назарияи маърифат, аз ҷумла, объект, субъект, сатҳҳо, ангезаҳо, ҳадафҳои маърифатӣ баррасӣ шуда, густурда будани ҷанбаҳои мафҳуми фаъолнокӣ, ки паҳлӯҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологиро дарбар мегирад, таъкид гардидааст.

Ҷолиби қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола дар амалияи педагогӣ роҳу воситаҳои гуногуни фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон истифода шудан, аз ҷумла, шаклҳо, методҳо, воситаҳои гуногуни таълим ва интихоби чунин мувофиқати онҳо, ки дар вазъияти ба миён омада фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагонро ангезиш медиҳанд бо маврид тавсиф дода шудааст.

Дар рисола ҳадафи асосии фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон ва баланд бардоштани самаранокии раванди педагогӣ будан, муайян карда шудааст.

Дар боби дуюм бошад, бо назардошти аҳамияти фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ дар ҳалли вазифаи баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати раванди таълим имконияти истифодаи масъалаҳои гуногуннавъи биологӣ ба сифати воситаҳои диди аксиологӣ ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон таҳқиқ гардидааст.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбии рисола дар он аст, ки дар ин боб навъҳо ва хусусиятҳои масъалаҳо бо овардани мисолҳо баррасӣ шудаанд: масъалаҳое, ки ба инкишофи тафаккури мантиқӣ мусоидат мекунанд;

масъалаҳо барои шинохтани объектҳои табиӣ; масъалаҳо оид ба ташаккули маҳорати пешниҳод ва исбот кардани фарзия; масъалаҳое, ки ба инкишофи малакаҳои таҳқиқотӣ мусоидат менамояд; масъалаҳое, ки барои барпо намудани робитаи донишҳои назариявӣ бо донишҳои амалӣ мусоидат мекунанд; масъалаҳое, ки бо худмушоҳидакунӣ алоқамананданд; масъалаҳое, ки иттилооти барои хонандагон навро дар бар мегиранд.

Муаллиф, ба назари мо дурст таъкид медорад, ки яке аз воситаҳои аз ҷониби хонандагон азхудкунии фаъолияти оид ба гирифтани дониши нав, дарк ва истифодаи амалии донишҳои фаннӣ масъалаҳои таълимӣ-маърифатӣ, вазъиятӣ мебошанд. Масъалаи вазъиятӣ зимни фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ тавсифи вазъиятест, ки бояд тариқи ҷавоб додан ба саволҳои хусусияташон проблемавӣ ва (ё) иҷрои супорише, ки таъсирбахшии донишҳоро намоиш медиҳанд, ҳал карда шавад. Чунин супоришҳо метавонанд лоиҳа, ёддошт, дастур, натиҷаи дигари муаррифишавандаи иҷрои супориш бошанд. Дар доираи ин фасл чунин масъалаҳо муайян гардида, таснифоти онҳо анҷом дода шудааст ва супоришҳо аз рӯйи сатҳи дониш ва эҷодкорӣ гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз байни ин гуна масъалаҳо бо овардани мисолҳо супоришҳои кушода, қаринавӣ тавсиф ёфтанд.

Автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмӯъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад. Аз натиҷаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки муҳаққиқ дар бораи асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ) бо як усули хос бо овардани санадҳои мӯътамад ба саҳифаҳои осори илмӣ ишораҳо

кардааст. Ҳамчунин, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ андешаи шахсии худро низ баён кардааст.

Хулоса, тадқиқоте, ки Дадобоева Муслима Бахтиёровна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми педагогика боз як кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Дар ҳамин асос метавон хулоса намуд, ки кори тадқиқотии Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим” (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ) тадқиқоти мустақилонаи ба анҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи Низомномаи ««Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад ва муаллифи диссертатсия – Дадобоева Муслима Бахтиёровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал

16.03.2023

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи С.Айнӣ 126. Тел.(+992)900 85 35 35; E-mail:takmil-bbk@mail.ru

*Имзои Каримзода Мирзо Бадалро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои АТТ* *М. Саидова*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН. РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА. ШӮЪБАИ КАДРҲО. ОТДЕЛ КАДРОВ